# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Тарбияи шуури илмӣ, ягонагӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷомеаи мо падидаи нав буда, яке аз муҳимтарин вазифаи имрӯзаи илму маориф маҳсуб меёбад ва инкишофу пешбурди он дар заминаи педагогикаи миллӣ айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим касб намудааст. Бо такя ба таълимоти ниёгон ва баҳрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар тарбияи наврасону ҷавонон ба даст омаданд, ки онҳоро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрванд ҳидоят менамояд.

Мусаллам аст, ки эҳтиром ба мероси педагогии ниёгон оид ба таълиму тарбияи насли наврас ва робитаи илмию таърихии усулҳои тарбияи гузаштагон бо усулҳои муосири тарбия рукни асосии сиёсати давлат дар соҳаи маориф буда, дар дар нутқу гузоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон равшан ифода ёфтааст: «Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҷомеаи навбунёди мо ба шахсоне эҳтиёҷ дорад, ки ҷаҳонбинии нав дошта, идеологияи навро аз худ мекунанд. Мазмун ва моҳияти ин идеологияи навро бояд эҳсоси ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ, муҳаббат ба Ватан ва ба тамоми инсоният, умуман тамоми арзишҳои миллӣ ва умуминсонӣ ташкил намояд».

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, интихоби мавзуи интихобнамудаи Ризоева Нигинамо дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" мубрам буда, ба тарбия намудани наврасон дар руҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат дар заминаи фаъолияти баланди ҷамъиятӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан,, дар асоси педагогикаи халқӣ ва ашъори шоирону нависандагони муосир мебошад.

Махсусан бояд қайд кард, ки таҳқиқи мавзӯи мазкур амалишаваии "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022»-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти

№79 тасдиқ гардидааст дар бар гирифта, унвонҷӯ Ризоева Нигинамо дар амалӣ гардидани ҳадафҳои барномаи мазкур, шаклу усул ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, таргибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани онҳоро дар робита бо падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа таҳқиқ намудааст.

Дар ин раванд масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии насли наврасро дар осори илмию методии муҳаққиқони ватанӣ Т.Атохонов, М.Орифӣ, Р.Амиров, И.Обидов, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К.Б.Кодиров, Б.Раҳимов, А.Нуров, Х.Раҳимзода, С.Сулаймонӣ, Б.Маҷидова, Ш.Сафаров, Н.Юнусова, Д.Латифзода, Ҷ.Файзализода, А.Мирализода ва дигарон таҳлил намудааст, ки дар ин таҳқиқотҳо мероси педагогии ниёгон, масъалаҳои мубрами ақидаҳои педагогии мутаффакирони тоҷик мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд .

Ҷанбаҳои гуногуни масъалаи ташаккули тафаккури миллӣ ва худшиносии миллиро бошад, дар таълифоти И.В.Кожакова, Н.А.Левитский, А.Турсунов, М.Турсунова, З.Б.Мубинов, Ф.М.Мирахмедов, М.М.Насриддинов, С.Е.Овлякулиев, В.А.Мандрагеля, П.Б.Дониярова, М.М.Насриддинова, Л.А.Алшевская, С.С.Бусыгина дида баромадааст..

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Ризоева Нигинамо бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии наврасонро дар асоси истифодаи арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ, омӯзиши анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар ҳамгироӣ бо арзишҳои муосир мавриди истифода қарор додааст. Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ, коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардидааст.

Аз нигоҳи муҳаққиқ вазифаи асосии ҷомеаи инсонӣ интиқоли таҷрибаи иҷтимоии насли калонсол ба насли ҷавон, яъне ташаккули сифатҳоест, ки барои ҳалли масъалаҳои имрӯзаи ҷомеа заруранд. Ҳаллу фасли ин вазифаи муҳими давлатӣ тавассути низоми муассисаҳои таълиму тарбия, хонавода ва муҳити иҷтимоӣ сурат мегиранд. Масъалаи мазкур дар педагогикаи ватанӣ ба таври васеъ матраҳ гардида бошад ҳам, вале то ҳоло дар сатҳи зарурӣ омӯхтанашуда боқӣ мондааст ва таҳқиқоти алоҳидаи илмии педагогиро дар тарбияи насли наврас тақозо менамояд.

Масъалаи коркард нагардидани ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар шароити муосирро ба асос гирифта, ҷиҳати ҳалли он

мавзӯи рисолаи илмӣ “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” интихоб гардидаст.

Таҳлили адабиёти илмию методӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқ сарчашмаҳои зиёдро оид ба мавзӯи рисолаи илмӣ омӯхта, таълимоти файсалуфон, муҳаққиқон, педагогҳо, равоншиносони ватаниву хориҷиро дар бораи тарбияи наврасону ҷавонон, истифодаи осори онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии наврасон мавриди таҳлили омӯзиши амиқ қарор ёфтааст. Унвонҷӯй ба он муваффақ шудааст, ки тавассути таҳлили назариявӣ ва амалӣ проблемаи ташаккули худшиносии милии наврасон, меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар наврасон равшан ва аниқ баён намояд.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Таҳлили ҷанбаҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳ ва мақоми низоми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои фарҳангии халқ дар рушди худшиносии миллии наврасон;
2. Омӯзиши сатҳи талабот, интизорӣ ва афзалиятҳои нигаронии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи худшиносии миллии наврасон;
3. Таҳияи мазмуну мундариҷаи «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берун аз таълимӣ» бо истифода омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории озмоиши педагогӣ, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбад;
4. Мавриди назар қарор ёфтани тавсия ва пешниҳоди омӯзгорон, волидон, фаъолони ҷамъиятӣ оид ба ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки:

- вазифа, мазмуни шакл ва усулҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон аз нуқтаи назари инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият муайян карда шудааст;
- самараи педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии хонандагон, омӯзгорон, гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, ки дар раванди таҳқиқот иштирок доранд, исбот шудааст.
- хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва зуҳуроти ҷаҳонбинии миллии наврасон ошкор гардида, дар асоси он роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ муайян карда

шуданд.

- Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ, коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардид.
- ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории идҳое, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мегардад, таҳқиқ гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «ҷаҳонбинии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машгулиятхои беруназсинфӣ, инчунин фаъолони ҷамъиятӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули ҷаҳонбинии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар тахия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҷрибаи шахсии корӣ дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур меёбад.

Пас аз овардани мукаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ ба ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар мукаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мушаххас оварда шудааст.

**Боби якуми рисолаи илмӣ “Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон” номгузорӣ гардида, дар зербоби якум** “Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ” таҳлил гардидаанд.

Дар боби мазкур муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ қайд менамояд, ки сиёсати навини давлатӣ дар соҳи маориф, махсусан дар тарбияи насли наврас хеле муҳим буда, дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Масъалаҳои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи анъанаҳои миллӣ ва умумибашариро дар осори олимон, омӯзгорон, равоншиносон ва методистони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Ҳ.Авзалов, М.Орифӣ, Т.Атахонов, М.Лутфуллоев, А.Нуров, А.Паҳлавонов, Б.Раҳимов, Ф.Шарифзода, И.Каримова, Ш.Сафаров , С.Сулаймонов ва дигар муҳаққикон таҳлил намудааст.

Азҷумла, ба андешаи муҳаққиқ Ризоева Нигинамо яке аз вазифаҳои пешбарандаи тарбия фарҳанги шахсият, ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон мебошад. Академик Ф.Шарифзода иброз медорад, ки «Ҷаҳонишавӣ раванде мебошад, ки ба ташаккули иқтисодии глобалӣ ва баъдан иттифоқи иқтисодиёти миллатҳо, васеъшавии анбӯҳи сармояҳои хориҷӣ, мол ва хидматрасониҳо оварда мерасонад». Аз нуқтаи назари Алшевская Л.А., Апина И.А., Мирахмедова Ф.М., Турсунова Ф.А. дар асоси ҷаҳонишавӣ ҷаҳонфаҳмӣ, яъне маҷмӯи донишҳои муқарраргардида дар бораи ҷаҳон нуҳуфтааст. Ин донишҳо ва таассурот на танҳо ба имрӯз, инчунин ба гузашта ва мавриди интизор низ тааллуқ доранд.

Мақсади асосӣ мукаммалгардонии худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ мебошад, ки байни арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки дар ҳалли масъалаҳои ташаккули худшиносии миллии арзишҳои этнофарҳангӣ ва умумибашарӣ ба татбиқи эҷодии мероси педагогии классикии Шарқ дар осори мутафаккирони барҷаста Балъамӣ, Ар Розӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носир Хусрав, Ҳофизу Саъдӣ, Камол Хуҷандӣ ва Абдураҳмон Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ва дигарон ҷои муҳим дода мешавад, ки ба ғанӣ ва амиқтар шудани ҷанбаҳои нави илми педагогӣ такони хеле қавӣ бахшиданд..

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки нақши ҷомеа дар тарбияи худшиносии миллии наврасону ҷавонон хеле муҳим аст. Дар ин росто тамоми вазорату идораҳо, ташкилот, созмон ва иттифоқҳои эҷодӣ, воситаҳои ахбори умум, нашриёт ва матбааҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дар самти тарбия маҳсубанд Зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро баланд бардошта, ҷиҳати боло рафтани савияи донишу маърифатнокии хонандагон тадбирҳо роҳандозӣ намоянд. Масъулияти падару модар

дар таълиму тарбияи фарзанд ба он роҳбалад мекунад, ки тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, ахлоқи ҳамида ва эҳтироми арзишҳои миллӣ амалӣ гардад. Чунин хислатҳои наҷиби инсонӣ моҳияти маънавӣ дошта, дар тафаккури инсон дар давоми ҳаёту зиндагиаш ташаккул меёбанд. Дар раванди чунин ташаккулёбӣ таъсири муҳит, ҷамъият, пеш аз ҳама, оила ва таълиму тарбия нақши муҳим мебозад.

Дар рисолаи илмӣ шаклҳои ҳамкорӣ омӯзгорон, волидон, мутахассисони соҳаи маориф дар маҳал, фаъолони ҷамъиятӣ таҳлил гардида, оид ба ташаккули ҷаҳонбинии наврасон баргузории чорабиниҳо пешниҳод гардидааст.

Мутолиа, баррасӣ, мушоҳида ва ба роҳбарӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба тарбияи наврасон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ шаҳодат бар онанд, ки имкон, васила ва воситаҳои таълим додану тарбия намудани онҳо дар ин ҷода хеле фаровон аст. Таҳлили адабиёти мавҷудаи илмӣ ва ҳолати имрӯзаи таълим нишон медиҳад, ки арзишҳои миллӣ на танҳо чун воситаи интиқоли ворисияти этникӣ, балки ҳамчунин силоҳи пурқудрат дар рушди худшиносии миллӣ мебошад. Ба туфайли арзишҳои миллӣ наврасону ҷавонон асолати аслӣ ва миллии худро шинохта, дар арсаи ҷаҳонӣ садои худро, симои худро намоиш медиҳанд.

**Боби дуюм «Технологияи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ»** ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шудааст, ки дар асоси он барномаи «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» коркард гардида, ба амал бароварда шудааст.

Дар рафти таҳқиқот аҳамияти калон доштани омӯзиши таълимоти педагогии мутаффакиронi тоҷику форс ва шоиронy нависандагони муосир мавриди назар қарор дорад, Муҳаққиқ дар марҳилаи таҳқиқотӣ ба чунин хулоса омадааст, ки давраи ҳозираи инкишофи ҷомеа нисбат ба ташаккули сифатҳои шахсияти наврасону ҷавонон, такмили раванди таълиму тарбия муносибатҳои навро тақозо мекунад. Дар тарбияи наврасон муҳимтарин сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили маънавиёт, озодӣ, ҷавонмардӣ ва ғайра, ки дар афкори педагогии миллӣ дарҷ ёфтаанд, истифода гарданд. Ин арзишҳо ба тарбияи худшиносии миллӣ ва иҷтимоишавии наврасон мусоидат менамоянд.

Ҳадафи асосии тадқиқот муайян намудани талабот, интизорӣ ва бартариҳои наврасон дар самти таълим додан/гирифтан оид ба ташаккули тафакури миллӣ ва худшиносӣ иборат мебошад. Дар рафти тадқиқот тасвири васеъи интизорӣ ва талаботи муаллимон ва талабагони

синфҳои 7-9 мушаххас карда шуданд.

Муҳаққиқ таи солҳои 2017-2022 озмоиши санҷиширо баргузор намуда, "Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ» » мавриди татбиқ қарор додааст.. Зимни баргузории таҳқиқот муайян шуд, ки тарғибу ташвиқи худшиносӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии наврасон ба роҳ монда шудааст, вале худшиносии наврасон паст буда, барои барномарезиҳои минбаъдаро бо наврасон тақозо дорад.

Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани маводе ҳаст, ки метавонад барои тарбияи босифати насли наврас мусоидат намояд Баъди баргузории чорабиниҳои банақшагирифта дар гурӯҳҳои озмоишӣ доираи ҷаҳонбинии миллии наврасон хеле тағир ёфт ва дараҷаи дарку фаҳмиши онҳо оиди ҷузъҳои худшиносӣ ва ифтихори миллӣ – "андешаи нек", "каломи нек", "амалу кирдори нек" то дараҷаи қонеъкунанда боло гирифт ва ҷаҳонбинии миллии наврасон (махсусан оид ба ҷузъҳои худшиносии миллӣ) баъд аз роҳандозии Барнома дар гурӯҳи озмоишӣ тадриҷан зиёд гардид.

Дар фарҷоми рисола Хулосаи умумӣ ва тавсияҳо оварда шудааст. Мухтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Ризоева Нигинамо дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Таҳқикоти мазкур бо пурра будан ва нуқоти муҳими илмӣ бартарӣ дошта, дар он мафҳумҳои муҳимме, ки ба ҳалли бомуваффақияти ташаккули ҷаҳонбинии миллии насли наврас равона гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтаанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.**

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар рисолаи илмӣ унвонҷӯ таҳлили

осори илмии олимон, махсусан муҳаққиқони муосири тоҷикро ба таври васеътар таҳлилу баррасӣ менамуд, ки он ки арзиши назарию амалии тадқиқотро бештар менамуд.

2. Ҳарчанд дар рисолаи илмӣ унвонҷӯ "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022"-ро мавриди омӯзиш қарор дода бошад ҳам, хуб мебуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон"-ро аз нуқтаи назари худ дар муқоиса васеътар таҳлил намуда, аз нигоҳи нав баён мекарданд.

3.Дар боби дуюми диссертатсия, зербоби 2.2. мушкилоти мавҷудбуда ва роҳҳои ҳалли онро дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷамъиятӣ васеътар пешниҳод мекарданд, натиҷаи кори анҷомдода пурратар кушода дода мешуд.

4. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳи забони рисола, меъёрҳои услубӣ ва қоидаҳои меъёрии пунктуатсия ва имло, хатогиҳои услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ дар рисола ва автореферат мавчуданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевнаро дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Хулоса, диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

**Мукаррризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Сафаров Ш.А.

08.12.2023

Имзои Сафаров Ш.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Расулов М.

**Нишонӣ:** 724024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Лучоб 53.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов
Тел.: 918421063